# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026 сол)**

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он ифада мегардад, ки таҳлили равандҳои рушди давлат ва ҳуқуқ дар асрҳои охир нишон медиҳад, ки масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс тадриҷан ба яке аз меҳварҳои асосии назарияи ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ табдил ёфтааст. Дар шароите, ки давлат уҳдадорӣ оид ба эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба зимма мегирад, суд на танҳо ҳамчун мақомоти баррасии баҳсҳо, балки ҳамчун кафили асосии амалӣ гардидани ҳуқуқҳои бунёдии шахс баромад мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи моҳият ва қонуниятҳои рушди ҳимояи судӣ дорои аҳаммияти махсуси илмӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс аксаран аз дидгоҳи соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавӣ баррасӣ гардида, хусусияти таърихӣ ва умуминазариявии ин институт камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Дар натиҷа, ҳимояи судӣ бештар ҳамчун механизми амалкунанда, на ҳамчун падидаи таърихӣ ва категорияи назариявии мустақил, арзёбӣ мешавад. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки решаҳои пайдоиш, омилҳои ташаккул ва марҳилаҳои таҳаввули ин институт дар заминаи рушди давлат ва ҳуқуқ ба таври нопурра инъикос меёбанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот, аз ҷумла, ба зарурати таҳлили ҳимояи судӣ ҳамчун натиҷаи инкишофи таълимоти ҳуқуқӣ ва тағйирёбии фаҳмиши мақоми шахс дар муносибатҳои давлативу ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ муносибат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, нақши суд ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ вобаста ба сатҳи рушди ҷомеа, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои давлатдорӣ дигаргун мегардид. Омӯзиши ин равандҳо имкон медиҳад, ки ҳимояи судӣ ҳамчун падидаи динамикӣ ва тағйирёбанда дарк карда шавад, на танҳо ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои муосир.

Дар баробари ин, дар назарияи ҳуқуқ то ҳол масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар низоми мафҳумҳои бунёдӣ

бахсталаб боқӣ мемонад. Он гоҳе ҳамчун ҳуқуқи субъективии шахс, гоҳе ҳамчун вазифаи давлат ва ё функсияи ҳокимияти судӣ тавсиф мегардад. Ин гуногунандешӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз ниёз ба таҳқиқоти ҷамъбастии таърихӣ-назариявӣ вуҷуд дорад, ки имкон диҳад табиати ҳуқуқии ҳимояи судӣ дар иртибот бо рушди давлат ва ҳуқуқ ба таври мукаммал асоснок карда шавад.

Мубрамияти мавзуи мазкур, ҳамчунин бо равандҳои муосири ислоҳоти судӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар шароите, ки талабот ба адолати судӣ, мустақилияти суд ва дастрасии воқеии шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқ афзоиш меёбад, масъалаи таҳкими асосҳои назариявии ҳимояи судӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Бидуни дарки қонуниятҳои таърихӣ ва назариявии рушди ин институт, ташаккули сиёсати судӣ-ҳуқуқии устувор ва ҳамоҳанг душвор мегардад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавзуи мазкур дорои аҳаммияти махсус мебошад, зеро таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани нақши он дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс яке аз самтҳои муҳими рушди давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳқиқоти таърихӣ-назариявии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс метавонад ҳамчун заминаи илмӣ барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии муосир хизмат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ бори аввал ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун падидаи таърихӣ-назариявӣ, институти умуминазариявӣ ва механизми фаъоли ҳифзи ҳуқуқ дар шароити рушди муосири низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқот ҳимояи судӣ на танҳо ҳамчун кафолати мурофиавӣ ё ҳуқуқи субъективии шахс, балки ҳамчун унсури низомсоз дар муносибати «давлат - шахс» ва омили муайянкунандаи сатҳи ҳуқуқбунёдии давлат баррасӣ мегардад.

Нововарии таҳқиқот, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун меъёри арзёбии ҳуқуқбунёдӣ, воситаи таҳлили самаранокии фаъолияти судҳо ва заминаи назариявии такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ истифода гардад. Ин хулосаҳо дорои аҳаммияти назариявӣ ва методологӣ буда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди назарияи ҳуқуқ ва давлат истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо равиши пайдарпайи илмӣ, интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ ва таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва назариявии ҳуқуқ таъмин карда шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносиро истифода намудааст, аз ҷумла усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, таҳлили низомӣ, муқоисавӣ, тафсири доктриналӣ ва таҳлили индуктивию

дедуктивӣ, ки ба ҳосил гардидани натиҷаҳои илмӣ асоснок мусоидат намудаанд.

Эътимоднокии хулосаҳои илмӣ, пеш аз ҳама, ба омӯзиши фарогири таълимоти ҳуқуқӣ, осори мутафаккирони классикӣ ва муосири назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин таҳлили равандҳои воқеии ташаккул ва рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс такя мекунад.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо мутобиқати мантиқии онҳо ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таъмин мегардад. Ҳар як хулосаи илмӣ ҳамчун унсури низоми умумии таҳқиқ бароmad намуда, дар ҳамбастагӣ бо дигар натиҷаҳо моҳият ва табиати ҳуқуқии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахсро ошкор менамояд.

Эътимоднокии тавсияҳои пешниҳодшуда, инчунин, бо он муайян мегардад, ки онҳо дар асоси қонуниятҳои умумии рушди институти ҳимояи судӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқи таърихӣ-назариявӣ ошкор гардидаанд, таҳия шудаанд. Тавсияҳо хусусияти умуминазариявӣ ва методологӣ дошта, ба такмили фаҳмиши илмии ҳимояи судӣ ҳамчун унсури бунёдии давлати ҳуқуқбунёд нигаронида шудаанд.

Дар маҷмуъ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо далелҳои кофии илмӣ асоснок гардида, эътимоднокии онҳо шубҳаовар нест.

**Ҳаҷм ва сохтори** диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳияёфтани илмии масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ муайян намуда, объект ва мавзуи таҳқиқро дуруст ҷудо кардааст. Ҳамчунин, дар ин қисмат навгонии илмии кор, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ, заминаи эмпирикии диссертатсия, инчунин сохтор ва ҳаҷми кор нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар масири таърих»** ном дошта, ба таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул ва инкишофи

таърихии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва пайдоишу рушди шаклҳои ибтидоӣ ва минбаъдаи ҳимояи судии онҳо бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф бо истифода аз равиши таърихӣ-назариявӣ раванди ташаккули ғояи ҳимояи ҳуқукро дар иртибот бо рушди давлат, ҳуқуқ ва адолати судӣ пайгирӣ менамояд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс падидаи тасодуфӣ ё маҳсули давраи муосир набуда, балки натиҷаи таҳаввули тӯлонии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Дар боб пайдоиш ва рушди ҳуқуқи шахс аз давраҳои қадим, аз ҷумла дар ҷомеаҳои ибтидоӣ, тамаддунҳои бостонӣ, анъанаҳои динӣ ва таълимоти фалсафӣ таҳлил гардида, шаклҳои ибтидоии ҳимояи ҳуқуқ тавассути урфу одат, худмуҳофизат ва адолати асотирӣ баррасӣ карда мешаванд.

Дар идомаи таҳлил муаллиф ба таври асоснок нишон медиҳад, ки бо ташаккули давлат ва низоми судӣ, ҳимояи ҳуқуқи шахс тадриҷан аз шаклҳои худсудкунӣ ба механизми институтсионалии судӣ табдил ёфтааст. Нақши қонунҳои қадимӣ, рушди адолати судӣ дар Юнону Рими бостон, инчунин саҳми анъанаҳои ҳуқуқии шарқӣ, аз ҷумла таълимоти зардуштӣ ва ҳуқуқи исломӣ, дар ташаккули ғояи ҳимояи судӣ таҳлил мегардад.

Муаллиф ба таври асоснок зикр месозад, "инкишофи ҳимояи судии ҳуқуқ аз шаклҳои ибтидоӣ, аз қабили фармонҳои ҳокимон, низоми судии хонаводагӣ ва худсудкунӣ, ба сохтори мукаммали ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, тавассути Созмони Милали Муттаҳид, Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва паймонҳои байналмилалӣ таҳаввул ёфтааст. Чунин тағйирот шаҳодати афзоиши аҳаммияти давлат ва ҷомеаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоии инсон мебошад" (саҳ.52).

Муаллиф муайян намудааст, ки дарназардошти мақоми бунёдии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сохтори давлатӣ ва ҳуқуқӣ, зарур аст, ки таҳлили татбиқи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, пеш аз ҳама, дар доираи ҳуқуқи асосии инсон ҳамчун ҷузъи таркибии ҳуқуқи миллӣ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дода шавад. Бо вуҷуди аҳаммияти зикршуда, бояд қайд кард, ки дар шароити муосир таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ оид ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аксаран аз ҷониби як қатор олимон бе ба эътибор гирифтани тағйироту таҳаввулоти замонавӣ дар ҳуқуқ ва давлатдорӣ анҷом дода мешавад. Ин ҳолат зарурати таҳлили нав ва таҷдиди назарро дар арзёбии нақши ҳимояи судӣ ҳамчун кафили ҳуқуқҳои асосии инсон ба миён меорад (саҳ.65).

Ба таври асоснок хулосабарорӣ мешавад, ки "мавҷудияти ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар Конститутсия худ ба худ кафолати амалии он нест. Таҳлили воқеият нишон медиҳад, ки қисме аз шаҳрвандон, бо сабаби надоштани дониши кофии ҳуқуқӣ норасоии эътимод ба низоми судӣ ва душвориҳои марбут ба расмиёти мурофиавӣ, аз амалисозии ҳуқуқи худ ба ҳимояи судӣ худдорӣ менамоянд. Аз ин

рӯ, амалиёти институти ҳимояи судӣ бояд бо дастрасии воқеӣ, механизмҳои таъсирнок ва шароити моддию ташкилӣ пурра таъмин карда шавад» (саҳ.85).

Боби дуюми рисола **«Рушди танзим ва кафолати татбиқи ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ»** ном гирифта, дар он муаллиф масъалаи ҳимояи судиро дар сатҳи танзими ҳуқуқӣ ва механизмҳои кафолатдиҳандаи татбиқи он мавриди омӯзиши амиқ қарор медиҳад. Дар ин боб аз таҳлили таърихӣ ба таҳлили назариявӣ ва меъёрӣ гузариш сурат гирифта, ҳимояи судӣ ҳамчун ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд дар низоми ҳуқуқии муосир баррасӣ мегардад.

Муаллиф дар доираи ин боб таносуби ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ бо дигар ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки ин ҳуқуқ дорои хусусияти умумикафолатӣ буда, татбиқи воқеии тамоми дигар ҳуқуқҳоро таъмин менамояд. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҳамчун унсури ҷудонопазири давлати ҳуқуқбунёд ва кафолати амалии волоияти қонун асоснок карда мешавад.

Дар боб таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили механизми судии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардида, нақши мақомоти судӣ, пеш аз ҳама судҳои умумӣ ва суди конститутсионӣ, дар таъмини амалишавии ин ҳуқуқ нишон дода мешавад. Ҳамзамон, дар боби дуюм масъалаи амали бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ дар фаъолияти судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳаммияти он ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқ дар ҳолатҳои холигии қонунгузорӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф бо таҳлили равишҳои гуногуни илмӣ нишон медиҳад, ки истиноти судҳо ба меъёрҳои Конститутсия метавонад самаранокии ҳимояи судиро баланд бардорад.

Дар идомаи таҳлил, зикр мешавад, ки «дар илмҳои ҳуқуқшиносии муосир, аз ҷумла, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, таҳияи механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ оид ба татбиқи принсипҳои асосгузори низоми демократии давлатӣ, инчунин таҳкими воситаҳои муассири ҳуқуқии ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз вазифаҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таҳқиқи назариявии табиати ҳуқуқии ҳимояи судӣ, механизми амалисозии он ва нақши он дар доираи кафолатҳои конститутсионӣ аҳаммияти хос касб мекунад» (94).

Дар маҷмуъ, боби дуюм дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд буда, дар он асосҳои ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ба таври мукаммал таҳлил гардидаанд. Хулосаҳои пешниҳодшуда заминаи муҳим барои баррасии ҷанбаҳои амалӣ ва институтсионалии ҳимояи судӣ дар боби минбаъдаи диссертатсия фароҳам меоранд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки таҳти унвони **«Мақомоти судӣ – асоси кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳия шудааст, муаллиф масъалаи ҳимояи судиро аз нигоҳи нақши институтсионалии суд дар низоми давлатдорӣ ва вазифаҳои он дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс

мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳад. Дар ин қисмат ҳимояи судӣ на танҳо ҳамчун механизми мурофиавӣ, балки ҳамчун шакли амалисозии масъулияти давлат нисбат ба шахс баррасӣ мегардад.

Муаллиф таваҷҷуҳро ба он равона месозад, ки мақсади аслии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар таъмини риоя ва татбиқи самараноку беғаразонаи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҷомеа зоҳир мегардад. Ин вазифаи калидӣ ба самти устувории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими асосҳои адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст (саҳ.103).

Дар боб муаллиф нишон медиҳад, ки «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути мақомоти судӣ яке аз унсурҳои марказӣ ва ҷудонопазири механизми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Маҳз, суд ҳамчун муассисаи калидии давлатдории ҳуқуқбунёд шароити амалии барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи шахсро фароҳам меорад. Кафолати ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, аз ҷумла, имкони шикоят кардан аз қарорҳо, амал ва беамалии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, яке аз кафолатҳои бунёдии ҳуқуқии инсон ба ҳисоб меравад» (саҳ.105).

Муаллиф инчунин ба мушкилоти амалии таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намуда, онҳоро ҳамчун омилҳои маҳдудкунандаи татбиқи пурраи кафолатҳои ҳуқуқӣ таҳлил мекунад. Ба таври асоснок хулосабарорӣ мешавад, ки «ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ яке аз рукнҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи демократӣ мебошад. Ин ҳуқуқ бо Конститутсия ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон танзим шуда, кафолати амалӣ гардидани дигар ҳуқуқу озодиҳоро таъмин менамояд» (саҳ.151).

Дар маҷмуъ, боби сеюм дорои хусусияти таҳлилӣ ва ҷамъбастӣ буда, ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахсро ҳамчун меҳвари фаъолияти мақомоти судӣ ва нишонаи муҳимми давлати ҳуқуқбунёд муаррифӣ мекунад.

Хулосаҳои пешниҳодшуда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои дарки нақши воқеии суд дар ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва рушди минбаъдаи низоми судии миллӣ заминаи муҳим фароҳам меоранд.

Хулосаи диссертатсия ҳамчун ҷамъбасти ниҳоии таҳқиқот баромад намуда, 13 натиҷаи асосии дорои аҳаммияти назариявиро фаро мегирад. Ин натиҷаҳо ба таҳлили амиқи моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои инкишофи институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар раванди таърихӣ ва дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат равона шудаанд.

Дар баробари ин, муаллиф 4 натиҷаи дорои аҳаммияти амалӣ пешниҳод менамояд, ки онҳо ба амиқтар намудани дарки илмии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди минбаъдаи назарияи

ҳуқуқ ва давлат, инчунин такмили равишҳои илмӣ дар омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот ба рушди назарияи ҳуқуқ ва давлат тавассути баррасии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун падидаи таърихӣ-назариявӣ саҳми назаррас мегузорад. Хулосаҳои илмии бадастомада фаҳмиши моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои инкишофи институти ҳимояи судиро амиқ намуда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, адолати судӣ ва назарияи давлату ҳуқуқ ҳамчун заминаи методологӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи консепсияҳои илмӣ, таҳқиқоти минбаъда, инчунин дар фаъолияти таълимӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар ҷараёни омӯзиши фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳо дар таҳкими устувории ҳуқуқӣ ва пешгӯишавандагии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, ки дар маҷмуъ ба беҳтар гардидани фазои ҳуқуқӣ ва коҳиш ёфтани хавфҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ҳимояи самараноки судии ҳуқуқу озодиҳои шахс яке аз шартҳои муҳими рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, тақвияти эътимоди ҷомеа ба ҳокимияти судӣ ва таҳкими арзишҳои адолат, қонуният ва баробарӣ дар назди қонун ифода меёбад. Таҳқиқоти анҷомёфта ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии ҷомеа ва рушди минбаъдаи давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 13 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд Диссертатсия дар натиҷаи фаъолияти илмии мустақилонаи муаллиф таҳия гардида, дорои пайдарпайии мантиқӣ ва ҳамоҳангии сохторию мазмунӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии асоснок, инчунин маводи илмии интишорёфта ва маърузаҳо дар чорабиниҳои илмию амалӣ, саҳми шахсӣ ва мустақими муаллифро дар иҷрои таҳқиқоти мазкур ба таври возеҳ тасдиқ менамоянд. Илова бар ин, тарзи баён, сатҳи масъалагузорӣ ва усули таҳқиқотӣ хусусияти мустақили кори илмии муаллифро инъикос мекунанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи умумии баланди таҳқиқ ва арзиши назариявии пешниҳодшуда, дар диссертатсия як қатор камбудиҳое  ҷой доранд, ки дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо менамоянд:

1. Дар хулосаҳо ва тавсияҳо истифодаи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон васеъ зикр мегардад, аммо на ҳамеша нишон дода мешавад, ки кадом меъёр ё таҷрибаи байналмилалӣ ба кадом унсури мушаххаси низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ё мутобиқнашаванда мебошад. Густариши таҳлили муқоисавии амалӣ (на танҳо истинод ба уҳдадориҳои байналмилалӣ) метавонист эътимоднокии баъзе пешниҳодҳоро афзоиш диҳад.

2. Барои баланд бардоштани аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар диссертатсия ба масъалаҳои мутобиқат ё норасоии танзими ҳуқуқии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар қонунгузории амалкунанда таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид. Аз ҷумла, таҳлили муфассали ҳолатҳои номукаммалии меъёрӣ, ихтилофоти байни қонунҳои соҳавӣ, инчунин мушкилоти татбиқи амалии кафолатҳои судӣ метавонист заминаи воқеии пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххаси ҳуқуқэҷодкунӣ фароҳам оварад. Пешниҳоди чунин хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунанда метавонист аҳаммияти амалии диссертатсияро боз ҳам тақвият дода, робитаи таҳқиқоти назариявиро бо эҳтиёҷоти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ равшантар менамуд.

3. Ба мақсад мувофиқ  мебуд, агар муаллиф  ба таҷрибаи воқеии судӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард. Истифодаи қарорҳои судҳо ва мавқеъҳои ҳуқуқии онҳо ҳамчун манбаи мустақили ташаккули институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс метавонист робитаи байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии онҳоро равшантар намуда, хулосаҳои илмиро боз ҳам асосноктар гардонад.

4. Дар тавсияи чоруми худ, муаллиф ба масъалаи беғаразӣ ва мустақилияти

судҳо ишора намуда, риояи онро омили асосии таъмини адолат ва ҳақиқат баҳогузорӣ менамояд. Аз нигоҳи мо, масъалаи мазкур дар сатҳи конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ мавриди танзим қарор гирифта, хусусияти тавсиявии амалӣ ва навгонии илмиро доро нест. Бо ин мақсад, ҳангоми дифои рисолаи илмӣ аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта, мавқеъ ва назари худро нисбат ба он изҳор намояд.

Масъалаҳои ишорашуда ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди мавзуи таҳқиқ хизмат намоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Н.Ф.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Чоряккорон, деҳаи Меҳробод, хонаи 90
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-925-98-28

**Имзои Н.Ф. Сафарзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ Насрудинзода А.Н.
«30» 01. 2026 с.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; телефон: +992(37) 224-17-86; 372-24-17-86 E.mail: info@apa.tj